***ТДУ 8Т1***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-283-287***

***РАВАНДҲОИ ТОЗАИ ЭҶОДКОРӢ ВА ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ МАОРИФПАРВАРӢ***

***Зикиряева Муҳиба Аббосовна,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НОВЫЕ ТВОРЧЕСКИЕ ИСКАНИЯ И РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В ЛИТЕРАТУРЕ ПЕРИОДА ПРОСВЕТИТЕЛЬСТВА***

***Зикиряева Мухиба Аббосовна, к.ф.н.,*** *доцент кафедры журналистики и теории перевода ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

***NEW CREATIVE SEARCHES AND THE DEVELOPMENT OF NATIONAL SELF-AWARENESS IN THE LITERATURE OF THE AGE OF ENLIGHTENMENT***

***Zikiryaeva Muhiba Abbosovna,*** *Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Journalism and Translation Theory, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov"****E-mail:***muhibazikriaeva@gmail.com

***Калидвожаҳо:*** *инқилоби фарҳангӣ, ҷараёни маорифпарварӣ, маҷаллаву ҷаридаҳо, воқеънигорӣ, худшиносии миллӣ, равобити адабӣ*

*Мақола ба таҳқиқи омилҳои зуҳури равандҳои тозаи эҷодкорӣ дар адабиёти маорифпарварӣ ва таҳкими андешаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ дар афкори адибони пешқадами ин давра бахшида шуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамбастагии дигаргуниҳои сиёсӣ ва инқилобҳои фарҳангӣ оид ба зуҳури мактабҳои нави адабӣ, воқеанигориву санаднигорӣ дар адабиёт ва пайдоиши аввалин маҷаллаву ҷаридаҳои дар ин давра, махсусиятҳои робитаҳои фарҳангиву адабӣ андешаҳои илмии хешро баён намояд. Аз таҳлили масоили мавриди назар муаллиф ба хулосае мерасад, ки равандҳои тозаи эҷодкорӣ ва вусъати андешаҳои озодихоҳӣ дар давраи маорифпарварӣ барои таҳкими андешаҳои худшиносиву хештаншиносӣ дар афкори фарзандони бедордилу ватандӯсти миллат заминаи мусоид фароҳам овардааст .*

***Ключевые слова:*** *культурная революция, просветительское движение, журналы, документалистика, национальное самосознание, литературные связи.*

*Статья посвящена исследованию факторов развития новых творческих процессов в просветительской литературе и усиления идей национального самопознания в литературных воззрениях ведущих литераторов этого периода. В ходе исследования влияния политических событий на культурные преобразования этого периода автор статьи высказывает свои мысли относительно факторов и предпосылок возникновения новых литературных школ, усиления документалистики в литературе, возникновения первых журналов в исследуемый период, а также определяет особенности культурных и литературных связей. Анализ исследуемой темы приводит автора к заключению, что новые творческие процессы и развитие свободолюбивых идей в период просвещения создали благоприятную почву для развития идей самопознания в обществе и во взглядах патриотически настроенных сыновей отечества.*

***Keywords:*** *cultural revolution, enlightenment movement, journals, documentary literature, national self-awareness, literary connections.*

*This article is devoted to the study of the factors contributing to the development of new creative processes in Enlightenment literature and the strengthening of national self-awareness ideas in the literary views of leading writers of this period. In the course of examining the influence of political events on the cultural transformations of this time, the author shares scientific insights regarding the factors and prerequisites for the emergence of new literary schools, the strengthening of documentary literature, the emergence of the first journals during the studied period, and the identification of characteristics of cultural and literary connections. The analysis of the topic leads the author to conclude that new creative processes and the development of free-spirited ideas during the Enlightenment created favorable conditions for the growth of self-awareness ideas within society and in the views of patriotically inclined sons of the homeland.*

Равшан аст, ки дар ҳар давру замон инқилобҳои фарҳангӣ бо дигаргуниҳои сиёсӣ тавъам меоянд. Инқилобҳои сиёсиву мазҳабӣ барои рафъи бухроне, ки ба сари халқ омадааст, равона карда мешаванд. Маҳз ҳамин вижагӣ ба бедориҳои сиёсии охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX хос аст. Дар ин давра омили шоистаи ифодаи ормонҳои халқ, нигаҳдории якпорчагии марзу хок, ваҳдати тафаккуру ҷаҳоншиносии созандаи ҷомеа, таблиғи арзишҳои олии инсонӣ, тақдир

ва эҳтироми дастовардҳои миллӣ, покии забон, танзими ахлоқи мардум каломи воқеъбинона маҳсуб мешавад. Азбаски кишварҳои Шарқ дар ин айём майдони талошҳои сиёсии қудратҳои Ғарб гардида буданд, омили ягонаи баҳамоии аҳли китобу маърифат васоити публисистӣ ба шумор меомаданд.

Дар ин сурат вазъияти сиёсиву иқтисодии Аморати Бухоро эҳтиёҷ ба омӯзиши фанҳои дақиқ, корбасти техникаи ҷадид, ислоҳоти маориф дошт. Ин ҳо омили таҳрикдиҳандаи шуури сиёсиву ахлоқии ҷомеа матбуот ва расонаҳои хабарӣ, таъсиси рӯзномаву ҷаридаҳои хусусӣ, пайдоиши чопхонаҳо ва осон гардонидани табъу нашр ба шумор меомад. Аммо, чунончи дар таърих собит аст, дар роҳи дастёбӣ ба ин ҳадафҳо мушкилоти зиёде эҷод мегардиданд, ки зуҳури ҷараёни маорифпарварӣ дар қаламрави Аморати Бухоро, даврони машрутият дар Эрон ва раванди равшангарӣ дар Афғонистон ба ҳайси талқинкунандаи ин аҳдоф шинохта шудаанд.

Дар Эрон машрутият шоирону нависандагон ва рӯзноманигоронро такягоҳи худ сохта буд. Жанрҳои лирикии анъанавӣ дар ин давра ба василаи қолабҳои озод ифода ёфта, мафҳумҳои меҳанхоҳӣ, озодиҷӯӣ ва адолатталабиро муҷассам месохт. Адабиёти аҳди машрута ғурури миллии эрониён ва ифтихори собиқи эшонро ба фарҳангу таърихи қадими худ ба ҳаракат меовард.

Чунин бознигарӣ ба шеър боис шуд, ки дар мавзуву муҳтаво ва гоҳо ба тарҳу қолаби он дигаргунӣ ба вуҷуд омада, сабаби ба майдон омадани шахсиятҳои бузурги адабӣ, ҳамзамон сиёсӣ гардад. Воқеъбаёниву ошкоргӯӣ, инсонпарварӣ дар каломи бадеӣ заминаи тарғиби риояи ҳуқуқи мардум, бедории умумимиллӣ хислати умумихалқӣ касб намояд.

Осори Маликушшуаро Баҳор, Деҳхудо, Эраҷ Мирзо, Фаррухии Яздӣ, Мирзодаи Ишқӣ, Нимо Юшиҷ, Парвини Эътисомӣ муҳити иҷтимоии солҳои 20 ва 30-юми қарни ХХ-и Эронро таҷассум менамуданд. Буҳрони сиёсӣ, нузули иқтидори иқтисодӣ, аз даст рафтани низоми идории истеҳсолу саноат, ки як навъ шикасту фоҷиаи миллии эрониён ба шумор мерафт, баҳонаи ошӯбу исёни мардум, ғазабу нафрати аҳли сухан гардид.

Дар Афғонистон низ чун дар кишварҳои ҳамзабон сиёсати хориҷиён қудрати афзун дошт. Ин буд, ки ин кишварро тадриҷан инглисҳо тасаллут намуда буданд. Дар ин ҳоли номусоиди сиёсӣ василаи асосии эҳёи миллии Афғонистон озодихоҳони соҳибистеъдод-аҳли қалам дониста мешуданд. Баъди навгароиву машрута дар Эрон ва густаришу саводу омӯзиш, табъу нашр падидаҳои нави фарҳангӣ забони дарии Афғонистон низ барои рафъи ниёзҳои маънавии хеш аз забони форсии Эрон то ҷое ғизо мегирифт. Ба ибораи дигар, марҳилаи тозаи хештаншиносиву худогоҳие, ки аз ҷониби аҳли фарҳанг ва фазлу дониши кишварҳои Осиёи Миёнаву Эрон сурат мегирифт, дар кишвари Афғонистон низ оғоз шуд. Ин давраро адабиётшинос Худойназар Асозода «фарҳанги равшангарӣ ва адабиётро бо он тамоилот адабиёти равшангарӣ-маорифпарварӣ» номидааст» [2, с.21].

Дар кишвари Афғонистон амсоли ҷадидони Бухоро қонуни равшанфикрон зери унвони «Ихвони афғон» созмон дода мешавад, ки бузургони даврро чун доктор Абдулғанӣ, Муҳаммад Сарвари Қандаҳорӣ, Қиёмиддинхон Ниёзӣ, Саййид Қосим, Наҷаф Алӣ, Мавлавӣ Абдурауф, Маҳмуди Тарзӣ, Абулҳодии Довӣ фароҳам меоварад. Ҷамъияти мазкур рӯзномае бо номи «Сироҷ- ул-ахбор Афғонистон» таъсис медиҳад, ки ҳадафи аслии он ислоҳи низоми давлатӣ, боло бурдани шуур ва руҳияи сиёсии ҷомеаи кишвар, тарғибу ташвиқи пешравиҳои кишварҳои инкишофёбанда буд.

Маҷаллаву ҷаридаҳои «Сироҷ-ул-ахбор», «Сироҷ- ул-атфол», «Иршод- ун-нисвон», «Амон - ул-ахбор», «Ислоҳ», «Ойинаи ирфони иттиҳод», «Бедорӣ ва иттифоқи ислом», «Анис» нишонаҳои ҷунбишҳои тозаи иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи Афғонистонро ифода менамуданд.

Маҳз ба туфайли ин наҳзатҳои озодихоҳӣ равобити адабӣ дигарбора пайдо шуд. Ба андешаи Худойназар Асозода: «Барои мисол, осор ва афкори Зайнулобидини Мароға ва хосса китоби ӯ «Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ», драма ва номаҳои номии Мирзо Малкумхон, ки дар сарзамини Ирон мезистанд, барои аҳли Бухоро, Ҳирот ва Кобул ноошно набуд. Агар навиштаҳои Маҳмуди Тарзӣ ва «Сироҷ-ул-ахбор»-и ӯ дар танвири афкори мардуми Самарқанду Бухоро нуфуз дошт, таълифоти Садриддин Айнӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Саргузашти як тоҷики камбағал»-и ӯ дар Ирон ва Афғонистон диққати аҳли илму адаби ин кишварҳоро ба худ ҷалб намуда буд» [2, с.43].

Адабиётшинос Саъдулло Асадуллоев ҳамбастагии адабиёти ибтидои асри ХХ форсии тоҷикро дар интишори осори мустанад, чун сафарномаву саёҳатномаҳо мебинад, ки намунаи аввалини он «Саёҳатномаи Иброҳимбек» ном дошта, онро нависандаи муҳоҷири эронӣ Зайнулобидини Мароғаӣ иншо кардааст [7, с.20].

Адабиёти ин аҳд ба таври воқеъбинона ифодагари ҳамгунии вазъи сиёсии ноором, ноҳамвории иҷтимоӣ, коста гардидани ахлоқу фарҳанги суннатӣ маҳсуб мешуд.

Дар Осиёи Миёна низ дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ором набуд. Инқилобҳои хориҷӣ нақши худро дар ин қаламрав мегузоштанд. Ба бедориву озодии равшанфикрон муомилоти тиҷоративу иқтисодӣ ва дипломатии Аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ сабаб мешуд. Ба қаламрави замини подшоҳӣ иҷборан ҳамроҳ шудани Аморати Бухоро тадриҷан роҳи Аврупоро барои мардуми ин сарзамин боз кард. Ба ин тартиб, пештозони маорифпарварон, шоир, нависанда ва файласуф Аҳмади Дониш се маротиба ба Петербург сафар кард, сонитар Мирзо Сироҷи Ҳаким, Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Абдурауфи Фитрат барин фозилон моҳияти зиндагии сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Аврупоро барои худ кашф намуданд. Асарҳое, ки ин адибон таълиф карданд, мисли шикоятномаву танқидномаи замон нисбати доираи ҳукмрон интишор мееёфт ва дар баробари ин дилҳои лабрез аз ғаму ғусса ва зулми Амoратро ба ҷӯшу хурӯш меовард. «Наводир- ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», «Рисола ё мунтахабе аз таърихи сулолаи манғития»-и Аҳмади Дониш, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ, «Савонеҳ-ул-масолик фи фаросих ул-мамолик»–китоби саргузаштии Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Мунозара», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот»-и Абдурауфи Фитрат, ки шарҳи мухтасарашон дар боло рафт, аз намунаҳои барҷастаи ин аҳд буданд, ки дар мағз андар мағзашон мароми мардумро ғунҷоиш дода буданд.

Адабиётшинос Носирҷон Салимов менигорад, ки аз нимаи дувуми асри XIX дар адабиёт, бахусус насри он давра, сифатҳои нави тафаккури таърихӣ, ҷустуҷӯи сабаб ва решаҳои воқеияти замон, кӯшиши дарёфтани робитаи дохилии рӯйдодҳои мухталифи таърихӣ, амиқ рафтани ҷанбаи иҷтимоии шуури таърихӣ худшиносии таърихиро ба вуҷуд овард [6, с.22].

Номбурда заминаҳои таназзули низоми иқтисодиву иҷтимоии даврро бо фарогирии афкору осори намояндагони ин замон мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки равшанфикрон динро сабаби қафомондагиву ғафлати одамон намеҳисобиданд. Баръакс, онҳо мехостанд мардумро аз таассуб, хурофот, ҷаҳолату нодонӣ раҳоӣ дода, ба маънии томаш динро як омили худшиносӣ маънидод намоянд.

Бино ба андешаи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ Аҳмади Дониш ба ҳайси поягузори наҳзати маорифпарварӣ буд, ки таърихи миллатро бо назари фарох фаро гирифт. Аҳмади Дониш бо ҳосили дониши фаровон аз мероси гузаштагон гуфтан мехост, ки аҷдоди бузурги мо руҳияи созандаву ҳаётофарин доштанд, нодониву фақру зулму азоби пайвастаро қабул надоштанд.

Афкору андешаи Аҳмади Дониш аз ҷониби як гурӯҳ ҷавонони тозафикр истиқболи гарм ёфта, дар ин замина теъдоди озодфикрон афзун мешавад.

Бино ба навиштаи Муҳаммадҷон Шакурӣ, «адабиёти тоҷикӣ дар садаи нуздаҳ бо насри Аҳмади Дониш, дар ибтидои садаи бист бо нигоштаҳои Абдурраруфи Фитрат ва дигарон кам-кам воқеъгароии навин пеш гирифта, ба роҳе даромада буд, ки онро реализми маорифпарварӣ номзад карданд» [8, с. 409].

Ин нуктаҳо дар мақолаи Атахон Сайфуллоев «Реализм дар адабиёти форс-тоҷик» аз шарҳу баррасии фарохтаре бархӯрдоранд. Адабиётшиноси мазкур аз собиқаи воқеънигорӣ дар адабиёти форсӣ ҳарф зада, давраи пурбори онро охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ мешуморад. Зеро маҳз дар ин аҳд қаламкашон донишу таҷриба ва малакаву салиқаи нигориши худро ба масоили иҷтимоӣ мавқуф сохтанд. Танқиди сохти давлатӣ, тарғиби илму маърифат, улуми ақлӣ, бозгӯии низоми тозаи рӯзгордорӣ пешаи маорифпарварон буда, асари Аҳмади Дониш «Наводир ул-вақоеъ»-ро Атахон Сайфуллоев «намунаи барҷастаи ба зиндагии воқеӣ бо камоли ҷасорат рӯ овардани адабиёт» маънидод кардааст [5, с.65].

Ба андешаи адабиётшиноси мазкур, адабиёти маорифпарварӣ руҳи қавии ҷанговарона, оптимизм, танқиди беамони иллатҳои замона, воқеъбинии ҳайратангез, таҳлили фалсафии зиндагӣ ва руҳи матини публисистӣ ба даст овардааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари таълифоти густурдаи маорифпарварон ҳамзамон матбуоти тоҷикиву форсиву туркие, ки аз соири кишварҳо ба Бухоро интиқол мешуданд, руҳияи озодихоҳонаро дар пай доштанд. Муҳимтар он аст, ки муассисону ноширони ин рӯзномаҳо адибону равшанфикрон буданд. Ин ҷо метавон «Ҳабл -ул-матин»-аз Ҳиндустон, «Чеҳранамо» ва «Парвариш»-ро аз кишвари Миср, «Сироҷ -ул-ахбор»-ро аз Афғонистон, «Тарҷумон»-и туркиро аз Боғчасарои Қрим, «Мулло Насриддин»-и озариро аз Тифлис, «Вақт»-и тоторҳои Оренбург, «Миръоти ибрат», «Бухорои Шариф»-и Бухоро, «Самарқанд»-и Самарқандро ёдовар шуд.

Насли нерӯмандтари маорифпарварони Бухоро дар оғози асри XX бо номҳои Саидаҳмадхоҷаи Аҷзӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон иртибот дорад. Ин равшанфикрон кӯшиш менамуданд, ки дар пешбурди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус маориф саҳмгузор бошанд. Боиси таассуф аст, ки ин пайкори тоза зери таъсири мафкураҳои ғайримиллӣ ва муносиботи ҷудоихоҳонаи қавмӣ заиф гардид. Устод Айнӣ мегӯянд: «Дар сари ҳаракати ислоҳотталабӣ мисли Фитрат ва Усмонхоҷа ҷадидоне гузаштанд, ки онҳо дар Туркия хонда омада, ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Онҳо на танҳо дар байни худ, балки ба мардуми шаҳри Бухоро ҳам, ки бештарини онҳо забони ӯзбекиро намедонистанд, ба забони туркии усмонӣ гап мезаданд» [1, с.32-33].

Ҳамин вазъияти нооромӣ сиёсӣ ва ба майдони мубоҳизаҳои қувваҳои иртиҷоӣ мубаддал гардидани Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Аморати Бухоро ба таназзули адабиёт оварда расонид, ки дар натиҷа доираву мактабҳои бузурги фарҳангӣ ба маҳфилҳои хурди хонагӣ табдил ёфтанд. Адабиёт дигар қудрати бузурге надошт, ки намояндагону шахсиятҳои комилиёри адабиро парвариш дода, назми сухангустариро созмон диҳад.

Дар ин ҳоли носозгор пош хӯрдани анҷумани равшанфикрон, ки ба унвони ҷадидон фаъолият доштанд, ба манфиати пантуркистону қувваҳои хориҷӣ анҷомид. Аз ин рӯ, адабиёт бо публисистика омезиш ёфт. Шахсиятҳои адабӣ, амсоли Фитрату Мунзим, Айниву Ҳамдӣ, Баҳриддин Азизиву Тӯрақул Зеҳнӣ ба таълифи осори публисистӣ шуруъ карданд ва дар ин соҳа ба ҳайси пешоҳанг шинохта шуданд. Аз миёни онҳо устод Айнӣ дар ин соҳа ба муваффақиятҳои бештар ноил гардид. Ҳамон тавре ки адабиётшинос Абдуқодир Маниёзов менависад: «Жанрҳои публисистика, очеркро аввалин шуда С.Айнӣ ба адабиёт ворид намудааст» [3, с.35].

Биниши публисистиву танқидии ҷомеа ба сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро (1909), таълифоти нахустини Абдурраурфи Фитрат «Мунозара» (1910), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1912), «Раҳбари наҷот» (1915), маҷмуаи шеърҳои ӯ «Сайҳа» (1916), маснавиҳои Сайид Аҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзӣ «Миръоти ибрат» (1913), «Анҷумани арвоҳ» (1913), маҷмуаҳои лирикаи иҷтимоии ӯ «Ганҷинаи ҳикмат» (1913), «Айн ул-адаб» (1916), ашъори Тошхоҷа Асирӣ, таълифоти Садриддин Айнӣ, публисистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодир Муҳиддинов ва дигарон ба тавri амиқ роҳ ёфт.

Бо зуҳури падидаҳои матбуоти даврӣ дар мисоли «Бухорои Шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Раҳбари дониш», «Овози тоҷик» барои аҳли қалам як тамоюли тозаи сухансароӣ рӯи кор омад. Ба таъбири дигар, публисистикаи шаклгирифтаву комил тавассути ин рӯзномаву ҷаридаҳо бо вусъати тамом интишор меёфт. Шояд аз ин ҷост, ки рӯи кор омадани рӯзномаҳои маҳаллӣ, чун «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»-ро устод Садриддин Айнӣ омили бедории сиёсиву огоҳии ҷаҳоншиносии мардум маънидод кардааст. Ин самти фаъолияти Садриддин Айнӣ баъди Инқилоби Бухоро, дар замони Ҳукумати шӯравӣ низ идома меёбад. Муаллифи мақолаи «Айнӣ ва «Овози тоҷик» Шарофиддин Садрулин менависад, ки аз шумораи нахустини рӯзнома, ки 25 августи соли 1924 ба табъ расид, минбаъд низ забони он «ноқис ва ғализ» буд ва «бисёр истилоҳоти арабиву форсии қадим кор фармуда мешуданд, ки барои оммаи васеи хонандагон тамоман номафҳум буданд» [4, с. 81].

Аз ин ҷиҳат, Садриддин Айнӣ ба ҳайси сухандону забоншиноси асил ба кори таҳририяи рӯзнома ҷалб карда мешаванд. Устод дар баробари машғулияти матбуотӣ як зумра равшанфикрони ҷавонро аз шаҳрҳои мухталиф ба кори рӯзнома ҷалб менамояд. Бо тавсияи эшон аз Бухоро Пайрав Сулаймонӣ, аз Истаравшан Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ноил Шерзода, Баҳриддин Азизӣ, аз Хуҷанд Қурбон Юлдошев, Баҳлулзода, сонитар аз Фарғона Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ барои кор ба рӯзнома даъват карда мешаванд. Бо талқини Айнӣ забону адабиёт ва матбуот бештар ба инъикоси ҳаёт нигаронида мешаванд. Дигаргунатар гӯем, адабиёт ва матбуот ташреҳи воқеии ҳаётро вазифаи асосии худ меҳисобад. Ҳамчунин, дар ин давра низ устод Садриддин Айнӣ корномаи адабиву ҷамъиятияшро вусъат бахшида, дар атрофи худ гурӯҳи калони равшанфикронро фароҳам меоварад.

Тааммули мухтасар ба таъсирпазирии равандҳои тозаи эҷодкории давраи маорифпарварӣ ба таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ нишон медиҳад, ки дигаргунии авзои сиёсӣ дар ҷаҳон, таъсири инқилобу табаддулоти ҷаҳонӣ ба кишварҳои шарқи мусалмонӣ, инчунин садсолаҳо зери асорати қудратҳои бузург мондани онҳо, ки монеи рушди ҳамаҷонибаи ин давлатҳо мегардид, боиси бавуҷудоии мактабҳои нави эҷодӣ гардид. Дигар ин ки, барқарор гардидани равобити ғайрирасмии адабӣ дар мисоли интишори рӯзномаву ҷаридаҳо, интишори китобҳо ва

саёҳатномаҳо чараёни бозрасии авзои ичтимоиро таҳрик бахшида, барои таъмини озодиву истиқлолияти онҳо заминаҳои мусоид фароҳам оварда , барои таҳкими андешаҳои худшиносиву хештаншиносӣ дар афкори фарзандони бедордилу ватандӯсти миллат заминаи мусоид фароҳам овардааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Бо муқаддимаи К.Айнӣ.-Теҳрон: Суруш, 1381.-208 с.
2. Асозода, Х. Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ: (Таҳлили осори манзум).-Дафтари аввали ҷилди 2. -Душанбе: 1996. -161 с.
3. Маниёзов, А. Публисистика ва назми устод С.Айнӣ.-Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.-152 с.
4. Садрулин, Ш. Айнӣ ва «Овози тоҷик»//Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон. –Душанбе: -Ирфон, 1968.- С.80-85.
5. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият. Хуҷанд: 2003. -615 с.
6. Салимов, Н. Маърифати бадеии таърих. Хуҷанд: 1997.-173 с.
7. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт. –Душанбе: Адиб, 2000.-254 с.
8. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. Душанбе: 2006.-456 с.


**REFERENCES:**


1. Ayni, Sadriddin. The History of Intellectual Revolution in Bukhara. With a preface by K. Ayni. Tehran: Surush, 1381. 208 pp.
2. Asazoda, K. Literature of the 20th Century in Persian Tajik: (Analysis of Poetic Works). First Notebook of Volume 2. Dushanbe: 1996. 161 pp.
3. Maniyozov, A. Publicism and the Poetry of Master S. Ayni. Stalinabad: State Publishing House of Tajikistan, 1958.-152 p.
4. Sadru-lin, Sh. Ayni and "The Voice of Tajik" // Sadriddin Ayni in the Memoirs of Friends and Students. Dushanbe: Irfon, 1968. pp. 80-85.
5. Sayfullaev, A. The Light of Spirituality. Khujand: 2003. 615 pp.
6. Salimov, N. Aesthetic Cognition of History. Khujand: 1997. 173 pp.
7. Sa'dulloev, A. The Essence of Literature. Dushanbe: Adib, 2000. 254 pp.
8. Shakuri, M. A Look at Tajik Literature of the 20th Century. Dushanbe: 2006. 456 pp.